# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Кори диссертатсионии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир - «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ) бахшида шудааст».

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забонҳои қадимаи ғаниву шухратёфта миёни забонҳои эронӣ мебошад, ки он дорои услуби куҳани илмӣ аст. Дар асрҳои 1Х – Х бо ин забон адабиёти оламшумул ба вуҷуд оварда шуд, ки намунаҳои он, бо гузашти беш аз ҳазор сол, аҳаммияти забониву адабии худро аз даст надодаанд.

Бояд таъкид кард, ки дар баробари асарҳои адабӣ, таърихӣ ва динӣ, осори тиббии зиёде аз ҷониби донишмандони мо офарида шуд, ки ҳар кадоме дорои арзиши баланди илмиву амалӣ ҳастанд ва иддае аз онҳо дар тули асрҳо дар манотиқи мухталиф, ба ҳайси китоби дарсии тиббӣ мавриди истифода қарор доштанд. Тибби суннатии мо таърихи ниҳоят қадима дошта, бо ибтикори Шопури аввал дар ибтидои асри IV омӯзишгоҳи «Ҷунди Шопур» таъсис ёфт, ки дар таърихи илму фарҳанги миллати мо ва махсусан, соҳаи тибби қадим мақоми арҷманд дорад. Бо дарназардошти пурғановат будани соҳаи тибб ва кам омӯхта шудани истилоҳоти ин бахши илм тадқиқоти Нодир Ҳусанбоев мубрам ва муҳим арзёбӣ мешвад.

Нововарии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мавриди пажуҳиш дар заминаи истилоҳоти тибби халқии мардуми тоҷик бори аввал мавриди таҳқиқи густарда қарор гирифта, вижагиҳои истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати маъно ва истифодаи онҳо дар ҷабҳаҳои гуногуни соҳаи тиб ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва мансубияти онҳо ба зершуъбаҳои тиб, ба монанди номи бемориҳо, номи давоҳо, номи ахлоту рутубатҳо, номи васоили тиббӣ ҳангоми муолиҷа ва воҳиди вазну андозаҳои тиббӣ тасниф гардида, шарҳ дода шудаанд.

Решашиносии истилоҳоти тибби суннатӣ ва истифодаи муродифоти онҳо дар забони тоҷикии адабӣ, ҳамчунин дар тибби муосир нишон дода шудааст, ки ин ҳама баёнгари он мебошанд, ки муҳаққиқ дар баррасии мавзуи мазкур ва ба таври қиёсӣ омӯхтани он саҳми назаррас дорад. Ғайр аз ин, истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати сохтор таҳлилу баррасӣ карда

шуда, ба сода, сохта ва мураккаб дастабандӣ гардидаанд. Дар баробари ин, мавқеи ибораҳои истилоҳӣ ва истифодаи онҳо дар тибби суннатӣ нишон дода шудааст.

Унвонҷӯ бо истифода аз тадқиқоти баанҷомрасида ва фарҳангномаҳои дастрас доир ба этимологияи истилоҳоти тибби суннатӣ ва хусусиятҳои забонии онҳо маълумоти арзишманди илмиро манзур намудааст.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон масоили марбут ба онро таҳлил намуда, бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ, матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса тарҳрезӣ намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навоварии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба риштаи таҳлилу тадқиқ кашида шудаанд.

Муаллиф мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат менамояд. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Унвонҷӯ ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назарӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро аз ҷиҳати илмӣ муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур арзиши илмиву амалиро молик буда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажуҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Дар радифи дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо ва ба назар гирифтанашон дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор ба мақсад созгор хоҳад буд:

1. Дар автореферати рисола қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, дуруст истифода нашудааст, масалан дар саҳифаҳои 10, 16, 17,21,24,25 ва ғайра;

2. Дар бахши феҳристи адабиёт низ дар тартиби овардани номи муаллиф, номи китоб, муҳаррир, макони нашр, соли нашр, миқдори

саҳифа якнавохтӣ ба назар намерасад. Ҳамчунин, адабиёт ба тарзи нодуруст оварда шудааст;

3. Дар қисмати русии автореферат баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд, ки мафҳумуро дуруст ифода накардаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва автореферати диссертатсияи Хусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» таҳқиқоти комил ва анҷомёфта маҳсуб мешавад. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ
профессор Ҷ. Алимӣ

Имзои д.и.ф. профессор, Ҷ. Алимиро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров – 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«13» декабри соли 2023